751 - Ҳаром будани зино, қимор ва гӯшти хук

савол

Чаро дар Ислом зино, қимор ва хӯрдани гӯшти хук ҳаром аст?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Мо дар ҳайратем, ки аз як шахси мусулмон оиди масоиле, ки хеле возеҳу бебаҳс ва ниёз ба исбот надорад, чунин саволе содир мешавад. Аммо ҷавоби ин савол хеле содда аст, ин чизҳо ҳароманд, зеро Аллоҳе, ки тоаташ бар мо воҷиб аст, дар Қуръони карим ба мо гуфтааст:

(وَلا تَقْرَبُوا الزِّنَى إِنَّهُ كَانَ فَاحِشَةً وَسَاءَ سَبِيلا (سورة الإسراء: ٣٢).

«Ба зино наздик машавед. Зино кори зишт ва бадтарин роҳ аст». (Сураи Исро: 32).

Ва ба мо гуфтааст:

(إِنَّمَا حَرَّمَ عَلَيْكُمْ الْمَيْتَةَ وَالدَّمَ وَلَحْمَ الْخِنزِيرِ (سورة البقرة: ١٧٣).

«Танҳо мурдор ва хун ва гӯшти хукро бар шумо ҳаром кардааст». (Сураи Бақара: 173).

Ва боз ба мо гуфтааст:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِنَّمَا الْخَمْرُ وَالْمَيْسِرُ وَالأَنصَابُ وَالأَزْلامُ رِجْسٌ مِنْ عَمَلِ الشَّيْطَانِ فَاجْتَنِبُوهُ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ ۝ إِنَّمَا يُرِيدُ الشَّيْطَانُ أَنْ يُوقِعَ بَيْنَكُمْ الْعَدَاوَةَ وَالْبَغْضَاءَ فِي الْخَمْرِ وَالْمَيْسِرِ وَيَصُدَّكُمْ عَنْ ذِكْرِ اللَّهِ وَعَنْ الصَّلاةِ فَهَلْ أَنْتُمْ مُنتَهُونَ . (سورة المائدة: ٩٠–٩١).

«Эй касоне, ки имон овардаед, шароб ва қимор ва бутҳо ва азлом (як навъ қуръапартой) палид ва аз амали шайтон аст, пас аз онҳо дурӣ ҷӯед, то растагор

шавед. Шайтон мехоҳад ба василаи шаробу қимор, дар байни шумо адовату кина эҷод кунад ва шуморо аз ёди Аллоҳ ва аз намоз боздорад, пас оё шумо худдорӣ мекунед?». (Сураи Моида: 90-91).

Мо бояд аз рӯи имон ба шариати Аллоҳ, ба умеди савоби Ӯ ва аз тарси азоби Ӯ аз ҳар чизе, ки Аллоҳ ҳаром кардааст, дур шавем. Мо ҳамчунин бояд имон оварем, ки Аллоҳ таъоло бар мо дар шариати Ислом ҷуз чизи зараровару фосидро ҳаром накардааст, новобаста аз он ки мо онро бо ақлҳоямон дарк кардаем ва ё дарк накардаем, зеро Ӯ мефармояд:

فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤْمِنُونَ حَتَّى يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لَا يَجِدُوا فِي أَنْفُسِهِمْ حَرَجًا مِمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا تَسْلِيمًا (سورة النساء: ٦٥).

«На, савганд ба Парвардигорат, ки онҳо имон намеоваранд, магар ин ки дар ихтилофҳояшон туро довар қарор диҳанд ва аз ҳукме, ки ту медиҳӣ, дар дили худ эҳсоси нороҳатӣ накунанд ва комилан таслим бошанд». (Сураи Нисо: 65).